Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29 ноябри соли 2022, № 577
тасдиқ шудааст

# Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 (минбаъд - Стратегия) бо дарназардошти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, таҷрибаи аз амалисозии барномаҳои қаблӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ андухташуда, таҳлили умумии вазъи кунунии соҳаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқи муносибати нави ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаҳои амалишавии Ҳадафҳои Рушди Устувор то соли 2030 таҳия гардида, ҳадафҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ то соли 2040 муайян менамояд.

2. Стратегия ҳуҷҷате мебошад, ки дурнамои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва рушди минбаъдаи давлатро инъикос намуда, ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тақвият бахшидани низоми ҳифзи иҷтимоӣ, аз он ҷумла ислоҳоти институтсионалӣ, таъмини рушди устувори кишвар, таъмини кафолатҳои иҷтимоии шаҳрвандон дар марҳилаҳои гуногуни зиндагӣ ва таҳкими адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа нигаронида шудааст.

3. Стратегия ба таҳия ва амалисозии чорабиниҳои мақсаднок оид ба самтҳои нисбатан мубрами банақшагирии стратегии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва роҳҳои рушди он равона шудааст.

## 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ ҶОРӢ, БАҲРАГИРАНДАГОН ВА ЗАМИНАИ ҚОНУНГУЗОРӢ

4. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб рафта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди устувори ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамчун яке аз омилҳои калидии баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон, таъмини суботи иҷтимоӣ ва рушди устувори иқтисодию иҷтимоии кишвар тамоми тадбирҳои заруриро меандешад.

5. Амалӣ намудани ислоҳоти иқтисодию иҷтимоӣ, татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои гуногуни соҳавӣ дар самти таъмини суботи иқтисодию иҷтимоии кишвар имкон дод, ки шурӯъ аз соли 2000 дар кишвар суръати баланди рушди иқтисодӣ таъмин гардад. Дар давраи солҳои 2000-2020 афзоиши миёнаи ҳамасолаи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 7,5 фоизро ташкил дода, ба коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоиз дар соли 1999 то 26,3 фоиз дар соли 2020 мусоидат намуда, дарозумрии миёнаи шаҳрвандон бошад, аз 72 то 75 сол боло рафт.

6. Сифати хизматрасонӣ дар соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тадриҷан баланд бардошта шуда, ба ин соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, бо дарназардошти нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ, дар 7 соли гузашта зиёда аз 62,4 миллиард сомонӣ равона гардидааст.

7. Музди миёнаи меҳнат дар аввали соли 2022 ба 1373,98 сомонӣ расид. Музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, аз ҷумла илму маориф, тандурустиву фарҳанг, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тадриҷан афзоиш ёфта, дар 7 соли охир то 50 фоиз зиёд гардид. Зиёда аз як миллион ҷойи корӣ таъсис дода шуда, шумораи шаҳрвандоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ меравад, аз 800 ҳазор то 374 ҳазор нафар, яъне зиёда аз ду баробар кам карда шуд.

8. Низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Тоҷикистон асосан аз барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва танзими муносибатҳои меҳнатӣ, расонидани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, таъмини кафолатҳои иҷтимоии давлатӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, таъминоти нафақа ва монанди инҳо иборат мебошад.

9. Ба ҳолати 1 майи соли 2022 теъдоди умумии нафақагирон дар кишвар 756298 нафарро ташкил намуда, андозаи миёнаи нафақаҳои меҳнатӣ 394,02 сомонӣ, нафақаҳои суғуртавӣ - 302,26 сомонӣ, нафақаҳои иҷтимоӣ 201,52 сомонӣ ва дар маҷмуъ, андозаи миёнаи нафақа дар ҷумҳурӣ ба 320,34 сомонӣ баробар мебошад (мутобиқи замимаи 1).

10. Бо мақсади дастгирии иҷтимоии оилаҳои камбизоат аз соли 2002 то соли 2020 дар кишвар пардохти кумакпулӣ ба оилаҳои камбизоат, ки фарзандонашон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ) таҳсил менамоянд, роҳандозӣ гардида, пардохти он ҳар сол 15 фоизи хонандагонро дар бар мегирифт. Ғайр аз ин, ба оилаҳои камбизоат барои пӯшонидани хароҷоти вобаста ба истифодаи қувваи барқ ва гази табиӣ аз рӯйи меъёрҳои муқарраргардида ҷубронпулӣ пардохт шудааст.

11. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии пардохти кумакпулиҳои иҷтимоӣ, аз соли 2011 дар кишвар дар баробари тадбирҳои зикргардидаи дастгирии иҷтимоии оилаҳои камбизоат, марҳила ба марҳила механизми таҷрибавии таъин ва пардохти кумакпулиҳои унвонии иҷтимоӣ ҷорӣ шуда, ҷиҳати муайян намудани камбизоатии оилаҳо модели арзёбии ғайримустақими вазъи моддӣ аз рӯйи нишондодҳои нисбӣ истифода бурда мешавад. Аз 1 июли соли 2020 механизми таҷрибавии таъин ва пардохти кумакпулиҳои иҷтимоии унвонӣ дар тамоми 68 шаҳру ноҳияи мамлакат амалӣ гардида, аз рӯйи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 15 фоизи хонаводаҳо ба кумакпулиҳои мазкур фаро гирифта шудаанд.

12. Соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар давроні истиқлолияти давлатии кишвар тибқи Консепсияи рушди низоми хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2013, №446 қабул гардидааст, роҳандозӣ гардида, кори иҷтимоӣ ҳамчун касб ва илм эътироф гардид. Айни ҳол, ҳадамоти иҷтимоӣ дар шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ фаъолият дошта, ба шаҳрвандони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта хизматрасониҳои гуногуни иҷтимоиро пешниҳод менамоянд.

13. Ба шахсони дорои маъюбият ҳамчунин хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шакли таъминоти онҳо бо воситаҳои техникии ёрирасон ва тавонбахшӣ (протезҳо, ортезҳо, аробачаҳои маъюбӣ ва ғайра) низ пешниҳод мешаванд. Бо ин мақсад дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Корхонаи давлатии "Заводи протезию ортопедӣ дар шаҳри Душанбе" бо филиалҳояш дар шаҳрҳои Кӯлоб, Хоруғ ва Хуҷанд фаъолият доранд, ки маъюбони ниёзмандро бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ дар ҷумҳурӣ таъмин менамоянд.

14. Барои пешбурди корҳои илмӣ ва илмию тадқиқотии соҳавӣ, бахусус, дар соҳаҳои меҳнат ва шуғли аҳолӣ, экспертизаи тиббию иҷтимоии аҳолӣ ва тавонбахшии маъюбон якчанд муассисаҳои давлатии илмию тадқиқотӣ, аз ҷумла Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Пажӯҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон ва Маҷмааи таълимиву таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо фаъолият мекунанд.

15. Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини имкониятҳои баробар барои маъюбон, инчунин таҳияву амалисозии модели самараноки таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 ва Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020, ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, №228 ва аз 28 октябри соли 2016, №455 тасдиқ гардидаанд, мавриди амал қарор дода шудаанд.

16. Дар ин замина тасдиқ гардидани як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ (конвенсияву тавсияҳои Созмони Милали Муттаҳид ва созмонҳои дигари бонуфузи байналмилалӣ), аз ҷумла Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон далели иродаи олии сиёсии кишвар нисбати тавсеа додани ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон буда, таъминоти онҳо аз самтҳои муътабари сиёсати иҷтимоии кишвар ба шумор меравад.

17. Дар ҷумҳурӣ 61 мактаб-интернат фаъолият намуда, дар онҳо зиёда аз 6550 кӯдакони осебпазир ва дорои нуқсонҳои инкишофи ақлониву ҷисмонӣ, аз ҷумла ятим, нимятим ва бепарастор дар соли таҳсили 2021-2022 ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Аз инҳо дар тобеияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 мактаб-интернати мақоми ҷумҳуриявидошта, аз ҷумла 4 мактабинтернат барои кӯдакони маъюб, 9 мактаб-интернат барои ятимон ва 1 мактаби махсус мебошанд, ки дар онҳо дар маҷмуъ 2556 кӯдак ба таҳсил ва хизматрасониҳои дахлдори иҷтимоӣ фаро гирифта шудаанд. Дар баробари ин 18 мактаб-интернати мақоми маҳаллидошта бо фарогирии 3040 кӯдак, инчунин мактабҳои махсусгардонидашуда фаъолият доранд. Кори иҷтимоӣ нисбат ба кӯдакони душвортарбия ва аз оилаҳои дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта тавассути муассисаҳои статсионарии бачагонаи тобеи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба роҳ монда шуда, хизматрасонии иҷтимоӣ расонида мешавад.

18. Дар Тоҷикистон барои гурӯҳҳои мақсадноки муайян, ба монанди шаҳрвандони гирифтори бемориҳои вируси норасоии масунияти одам ва сил, қурбониёни зӯроварӣ дар оила, қурбониёни савдои одамон ва табақаҳои дигари осебпазири ҷомеа низ хизматрасониҳои гуногуни иҷтимоӣ расонида мешаванд.

19. Ба шаҳрвандони бекори корҷӯянда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати то 3 моҳ кумакпулӣ барои бекорӣ пардохт карда шуда, тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо як қатор кафолатҳои иҷтимоӣ пешбинӣ гардидаанд.

20. Ҳифзи иҷтимоии модару кӯдак яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба заноне, ки бо суғуртаи иҷтимоии давлатӣ фаро гирифта шуда, фаъолияти расмии меҳнатӣ доранд, кумакпулиҳо барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, кумакпулии якдафъаина ҳангоми таваллуди кӯдак ва кумакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак дар давраи рухсатӣ пардохт карда мешаванд. Кумакпулиҳои якдафъаина ҳангоми таваллуди кӯдак ба падар ё модар, ё шахсони онҳоро ивазкунанда, танҳо як маротиба ба андозаи се нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳангоми таваллуди кӯдаки якум, ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳангоми таваллуди кӯдаки дуюм ва ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳангоми таваллуди кӯдаки сеюм ва зиёда таъин мегарданд. Кумакпулиҳои ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак дар давраи рухсатӣ танҳо ба модар (ё падар), ки аз рӯйи шартномаи меҳнатӣ кор мекунанд, ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба муҳлати 1,5 сол пардохт мешаванд.

21. Ба кумакпулиҳо барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, кумакпулии яквақтаина ҳангоми таваллуди кӯдак ва кумакпулӣ барои нигоҳубини кӯдак заноне ҳуқуқ доранд, ки ҳамчун корманди кироя фаъолияти меҳнатӣ дошта, аз музди меҳнат ва даромадҳои бадастовардаи онҳо саҳмҳои суғуртавӣ пардохт шудааст.

22. Ба мардон ва занони ба синну соли нафақарасида (синни 63солагӣ барои мардон ва синни 58-солагӣ барои занон), ки собиқаи меҳнатӣ (суғуртавӣ) ба даст наовардаанд ё собиқаи кориашон (суғуртавӣ) барои таъини нафақаҳои меҳнатӣ (суғуртавӣ) кофӣ намебошад, давлат ба онҳо кафолати таъини нафақаи иҷтимоиро пешбинӣ намудааст.

## 3. МУШКИЛОТИ АСОСӢ

23. Ба пешравиҳо ва дастовардҳои ноилшуда нигоҳ накарда, низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ беҳтарсозӣ ва дигаргунсозиҳои минбаъдаро тақозо менамояд. Тавре дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 зикр гардидааст, "дар шароити дучор гардидани иқтисоди ҷаҳонӣ бо хавфҳои бӯҳронӣ бинобар таъсири номатлуби пандемияи COVID-19 низоми ҳифзи иҷтимоии самаранок, ҳамчун ҷузъи муҳимми суботи иҷтимоию сиёсӣ ва рушди устувори иқтисодии кишвар ба шумор меравад. Новобаста ба чораҳои татбиқшуда, ҳоло ҳам низоми ҳифзи иҷтимоӣ ба талаботи муосир дар сатҳи зарурӣ ҷавобгӯй нест. Ислоҳоти соҳа то ҳол хусусияти низомӣ надорад ва суст амалӣ мешавад".

24. Маблағгузории хароҷоти давлатӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо дарназардошти имкониятҳои молиявию иқтисодии буҷети давлатӣ, бе инобати меъёри расман этирофгардидаи сатҳи зиндагӣҳадди ақали зиндагӣ анҷом дода мешавад. Дар маҷмуъ, буҷети соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар соли 2020 ҳамагӣ 4,7 фоиз, соли 2021 - 4, 2 фоиз ва дар соли 2022 - 4,2 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил дод.

25. Низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки дар давroutи Иттиҳоди Шӯравӣ бо мафҳуми "таъминоти иҷтимоӣ" амалӣ гардида, ба таъмини имтиёзҳо ва кафолатҳои дигари иҷтимоии давлатии шаҳрвандон равона гардида буд, ба воқеияти имрӯзаи ҷомеаи Тоҷикистон, низоми молиявии он ва ба талаботи давраи гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ пурра мувофиқат намекунад. Бинобар ин, бо дарназардошти ташаккулёбии низоми нави муносибатҳои ҷамъиятию иқтисодӣ, тағйир ёфтани сохтори демографӣ, таъсири раванди номатлуби муҳоҷирати меҳнатӣ ва бӯҳрони ҷаҳонӣ, номутаносибии хусусиятҳои идорию маъмурии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва имкониятҳои молиявии ҷумҳурӣ зарур аст, ки заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ, асосҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ ва маъмурии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таҷдиди назар карда шаванд, ки он барои фаъол гардонидани низоми ҳифзи иҷтимоии устувор, фарогир ва манфиатбахш мусоидат намуда, дастрасии одилонаро ба даромади ҳадди ақал, шуғли шоиста ва пурмаҳсул, хизматрасониҳои ҳадди ақалли иҷтимоӣ ва амнияти озуқавиро барои табақаҳои осебпазири аҳолӣ дар саросари ҷумҳурӣ таъмин менамояд.

26. Яке аз мушкилоти ҷойдошта ин низоми идоракунӣ, сохтори бисёрзинагии маъмурӣ ва идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад, ки ин ба амалӣ намудани чорабиниҳо дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар сатҳи маҳал таъсири манфии худро мерасонад. Аз ин рӯ дар марҳилаи амалисозии Стратегия роҳандозӣ намудани сохтори нави идоракунии соҳавӣ зарур мебошад.

27. Сатҳи камбизоатӣ дар деҳотҷойҳо нисбат ба шаҳрҳо баландтар буда, оилаҳои серфарзанд, одамони дорои маъюбият ва пиронсолон мансуб ба гурӯҳҳои осебпазире мебошанд, ки бештар мубталои камбизоатӣ буда, дастрасии неъматҳои ҷамъиятӣ барои онҳо маҳдудтар аст. Дар байни нишондиҳандаҳои умумии камбизоатӣ дар Тоҷикистон фарқияти назарраси ҷуғрофӣ вуҷуд дорад ва манотиқи деҳот бо сатҳи нисбатан баланди камбизоатӣ нисбат ба шаҳр тавсиф меёбанд.

28. Дастрасии кӯдакон ба хизматрасониҳои муассисаҳои томактабӣ, таъмини инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдак дар синну соли барвақтӣ ва томактабӣ ва иҷтимоикунонии онҳо низ маҳдуд мебошад, ки ин таъсири манфии худро ба рушду такомули барвақтии кӯдакон расонида, боиси паст гаштани шуғлнокии занон ва баланд гардидани сатҳи камбизоатӣ мегардад. Дар Тоҷикистон танҳо теъдоди хурди аҳолӣ аз ин хизматрасонӣ истифода мебаранд. Теъдоди муассиссаҳои томактабӣ дар соли 2009 ба 487 адад баробар буд, дар ҳоле ки миқдори онҳо дар соли 1991 ба 944 муассиса мерасид. Дар соли 2021 шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба 691 адад расонида шуда, дар 9 моҳи соли 2022 иловатан панҷ муассиса ба истифода дода шудааст. Дастрасии ин хизматрасониҳо, ки омили таъмини рушди зеҳнию иҷтимоии кӯдакону наврасон мебошад, махсусан дар деҳоти Тоҷикистон ислоҳоти соҳавиро талаб менамояд.

29. Новобаста аз он ки дар доираи имкониятҳои молиявии буҷетҳои дахлдор пайваста аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои зиёд намудани андозаи ҳадди ақалли нафақа, нафақаи заминавӣ ва ҳадди ниҳоии нафақаи меҳнатӣ аз рӯйи пиронсолӣ, инчунин нафақаҳои меҳнатӣ ва суғуртавии шаҳрвандон тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида истодаанд, андозаи миёнаи нафақа дар ҷумҳурӣ дар ҳиссаи андозаи музди миёнаи меҳнат дар ҷумҳурӣ ҳамоно нокифоя мебошад.

30. Мушкилии дигаре, ки то кунун ҳалли худро наёфтааст, ин набудани механизми суғуртаи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣшаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давлатҳои дигар кору фаъолият менамоянд ва ба суғуртаи иҷтимоии фаъолияти меҳнатиашон ҷалб накардани онҳо аст, маҳсуб меёбад.

31. Сатҳи фарогирии истифодабарандагони хизматрасониҳо дар сатҳи ҷамоатҳо (маҳалла) ё худ хизматрасониҳое, ки дар хона расонида мешаванд, нисбатан пасттар буда, дар баъзе шаҳру ноҳияҳои мамлакат чунин муассисаҳои хадамоти иҷтимоӣ тамоман вуҷуд надоранд. Бинобар ин фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус хизматрасониҳои иҷтимоӣ беҳбудии ҷиддиро талаб менамояд.

32. Бино ва иншооти заводи протезию ортопедӣ дар шаҳри Душанбе, ки ҳанӯз солҳои 60-уми асри гузашта ба истифода дода шудааст, дар давоми 20 соли охир таъмирталаб гашта, аксарияти дастгоҳу таҷҳизоти истеҳсолии он кӯҳнаву фарсуда шуда, бинои истеҳсолии корхона дар ҳолати садамавӣ қарор дорад. Ҳолати мазкур ба раванди истеҳсоли маҳсулоти протезию ортопедии ватанӣ ва таъминоти маъюбон бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ таъсири манфӣ мерасонад.

33. Дар кишвар тамоюли афзоиши маъюбшавии аҳолӣ ба назар мерасад. Зарур аст, ки пешгирӣ намудани маъюбшавӣ, муайян намудани сабабҳо ва омилҳои он, гузаронидани муоина ва экспертизаи тиббию иҷтимоӣ барои муқаррар кардани маъюбӣ дар самти шабакаи муассисаҳои табобатию пешгирикунанда ва комиссияҳои экспертизаи тиббию иҷтимоии мақомоти ваколатдорӣ давлатӣ беҳтар гардонида шаванд. Дар баробари ин, дар ҷумҳурӣ тамоюли афзоиши бемориҳои руҳӣ ҷой дошта, талаботи ниёзмандон барои ҷойгир намудани онҳо дар хона-интернатҳои маъюбони рӯҳию асаб нисбатан зиёд мебошад.

34. Ҳифзи иҷтимоии кӯдакон, бахусус кӯдакони осебпазир бояд ба бунёди шароити мусоиди зиндагӣ ва рушди кӯдакону наврасон равона карда шавад, ки барои дастрасии онҳо, новобаста аз вазъи иҷтимоӣ ва синнусолиашон, ба ҳифзи саломатӣ, некуаҳволии моддӣ, таълиму тарбияи томактабӣ ва таҳсилоти умумии ройгон мусоидат намоянд. Барои ҳифзи иҷтимоии оила ҳамчун рукни асосии ҷамъият ва давлат бояд тадбирҳои самарабахш роҳандозӣ гардида, сиёсати оилавӣ ҷиҳати ба оилаҳо таъмин намудани шароити арзандаи оиладорӣ, ҳифз ва тавсеаи арзишҳои оила ҳамчун қисми таркибии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ арзёбӣ гардад.

35. Яке аз сабабҳои асосии дар муассисаҳои будубоши доимӣ (статсионарӣ) ҷойгир кардани кӯдакон ин душвор будани вазъи иқтисодӣ ва манзилию маишии волидайн мебошад. Дар давоми соли таҳсили 2021-2022 дар муассисаҳои будубоши доимӣ (мактабинтернатҳо, хонаи кӯдакон ва марказҳои тавонбахшӣ)-и ҳамаи соҳаҳо (маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ғайраҳо) бештар аз 7450 кӯдак ба нигоҳубини давлатӣ фаро гирифта шудаанд. Мушикилоти асосии муассисаҳои мазкур ин ба талаботи замон мувофиқ набудани пояи моддии техникӣ, таъмирталаб будани биною иншоот дар маҷмӯъ ва мутобиқат накардани қабули тарбиятгирандагон дар баъзе муассисаҳои таълимии давлатӣ мебошад.

36. Ҳолати инфрасохтор ва заминаи моддию техникӣ дар муассисаҳои хадамоти иҷтимоӣ низ ба талаботи замон ҷавобгӯ намебошанд. Дар ин муассисаҳо ташкили хизматрасонии иҷтимоӣ ва иҷрои нақшаҳои фардии нигоҳубини истиқоматкунандагонистифодабарандагони хизматрасониҳои иҷтимоӣ номуназзам гузаронида мешаванд. Илова бар ин, биноҳои муассисаҳои давлатии "Хона-интернати беморони рӯҳӣ дар ноҳияи Ҷаббор Расулов", "Хона-интернати беморони рӯҳии шаҳри Ҳисор" ва "Хонаинтернати беморони руҳии ноҳияи Восеъ", ки солҳои 50-уми асри гузашта сохта шудаанд, фарсуда гардида, ба талаботи замони имрӯза ҷавобгӯ намебошанд.

37. Мушкилоти дигари дар ин самт ҷойдошта ин мавҷуд будани шуғли ғайрирасмӣ мебошад. Бозори меҳнати Тоҷикистон айни замон аз шуғли расмӣ, шуғли ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ иборат мебошад, ки ин номуназзамӣ мушкилоти муайянеро дар низоми суғуртаи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус таъминоти иҷтимоии шахсони ба муносибатҳои меҳнатӣ дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт воридшаванда ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба миён овардааст. Аз 5,5 миллион аҳолии қобили меҳнат ва 2,5 миллион аҳолии шуғлдошта танҳо шахсоне, ки кироякор мебошанд (тахминан 700 ҳазор нафар) дар қайди низоми суғуртаи давлатӣ ҳастанд. Ҳатто аксарияти соҳибкорони инфиродӣ, аз ҷумла занони ба шуғли ғайрирасмӣ машғулбуда суғуртаи иҷтимоӣ надоранд.

38. Сабабҳои машғули кор набудани аҳолӣ аз рӯйи нишонаҳои гендерӣ низ фарқ мекунанд. Сабабҳои асосии машғули кор набудани занон нигоҳубини хона (пешбурди хоҷагии оилавӣ ва нигоҳубини кӯдакон) мебошад, ки ин тақрибан 47,5 фоизи занони машғули кор набудаи синни 15-58-сола ва 13,8 фоизи занони таҳсилкунандаро дар бар мегирад. Мардони машғули корнабуда мутобиқан 34,7 фоизро ташкил медиҳанд.

39. Бо дарназардошти тамоюл дар соҳаи демография дар даҳсолаи наздик ва хусусиятҳои бозори меҳнат дар Тоҷикистон сарбории демографӣ (таносуби аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (15-65-сола) ва аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол (0-14-сола ва аз 65-сола боло) зиёд мегардад, ки ин ба низоми амалкунандаи ҳифзи иҷтимоӣ сарбории иловагӣ мебошад (мутобиқи замимаи 2).

40. Таҳқиқотҳои дигар нишон медиҳанд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ба вазъияти руҳиву равонии кӯдакон аз оилаҳои муҳоҷирон ва ҳамсарони онҳо низ таъсири манфӣ дорад.

41. Дар давоми ҳашт соли охир муҳоҷирати дохилии аҳолии деҳотҷой ба шаҳрҳои ҷумҳурӣ мушоҳида карда мешавад (муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ), ки як фишори муайянро ба бозори меҳнат дар маҳалҳои шаҳрӣ мерасонад ва мумкин аст омили асосии баланд будани сатҳи бекорӣ дар байни аҳолии шаҳр бошад, ки ду маротиба дар қиёс аз нишондиҳандаи деҳот баландтар аст (мутаносибан 11,0 фоиз ва 5,5 фоиз).

42. Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, раванди ба танзим даровардашуда ва муташаккилонаи муҳоҷират, хусусан дар робита бо муҳоҷирати меҳнатии беруна, такони қавӣ барои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар мегардад ва ҳамзамон ташаннуҷро дар бозори миллии меҳнат пешгирӣ мекунад. Дар ин асно, раванди муҳоҷират оқибатҳои мусбат ва манфӣ низ дорад. Дар байни ҷанбаҳои мусбати раванди муҳоҷират беҳтар шудани тавозуни пардохт дар кишварро аз ҳисоби интиқоли пул, ҳалли мушкилоти бекорӣ, афзоиши талаботи самараноки аҳолӣ, болоравии нерӯи инсонӣ ва тахассуси коргарон ва ғайра қайд кардан мумкин аст.

43. Аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ, бӯҳронҳои молиявию иқтисодӣ, ки метавонанд ба вазъияти иҷтимоии одамон таъсири манфӣ расонанд, хеле осебпазир аст. Имкониятҳои сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ барои бартараф намудани таъсири чунин ҳолатҳо ва қобилияти хонаводаҳо ҷиҳати барқарорсозии вазъияти худ нисбатан маҳдуд мебошанд. Дар баробари ин набудани механизми ягонаи давлатӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии аҳолии осебпазир дар шароити ҳолатҳои фавқулода, инчунин маҳдудияти барномаҳои мақсадноки ҳифзи иҷтимоӣ дар ин самт осебпазирии шахсони алоҳида, хусусан занон, кӯдакон, пиронсолони танҳо, шахсони маъюб ва оилаҳои камбизоат, инчунин минтақаҳои алоҳидаро дар давраи бӯҳронҳои иқтисодӣ ва ҳолатҳои фавқулода хеле зиёд мекунад.

44. Мушкилоти дигаре, ки дар низоми ҳифзи иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад, ин норасоии кадрҳо, аз ҷумла мутахассисони соҳибкасб мебошад. Дар айни замон, норасоии

мутахассисон дар соҳаи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии тиббӣ ва иҷтимоии шахсони маъюб ба набудани пойгоҳи таълимӣ вобастагӣ дошта, то ба имрӯз дар Ҷумҳурӣ курсҳои такмили ихтисоси мутахассисони экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ташкил карда нашудааст. Дар баробари ин, имкониятҳои дар хориҷи кишвар тайёр намудани кадрҳои соҳавӣ низ маҳдуд мебошад. Ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №148 Барномаи маҷмуии давлатии тайёр намудани кадрҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2030 қабул карда шуд, ки барои беҳтар намудани таъминоти ташкилоту муассисаҳои низоми ҳифзи иҷтимоӣ бо мутахассисони соҳибкасб ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ мусоидат хоҳад кард.

45. Бо дарназардошти мушкилиҳои болозикр, вазифаҳои стратегие, ки дар назди низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ гузошта мешаванд, аз функсияҳои анъанавии он, ки, одатан, ба паёмадҳои осебпазириҳои иҷтимоиву иқтисодӣ равона шуда буданд, васеътар буда, маҷмуи чораҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро бо мақсади рафъи камбизоатӣ ва таъмини шароити арзандаи зиндагӣ дар бар гирифта, дар маҷмуъ, барои таъмини адолати иҷтимоию баробарӣ барои манфиати муштарак амалӣ мешавад.

## 4. РИСОЛАТ, ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ СТРАТЕГИЯ

46. Рисолати таҳия ва амалисозии банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ноил гаштан ба ҳадафҳои стратегии кишвар ва афзалиятҳои сиёсати иҷтимоии давлат, идома додани ислоҳоти соҳа бо мақсади коҳиш додани таъсири хавфҳои беруна ва дохилӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мебошад.

47. Ҳадаф ва вазифаҳои Стратегия асосан аз самтҳои афзалиятнок ва асосии фаъолият, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дарҷ гардидаанд, инчунин аз ҳадафҳои стратегии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 бармеоянд, аз ҷумла:

- такмили низом ва тартиби кор, ки барои ҳифз ва пешбурди ҳуқуқ ва манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии шахсони алоҳида ва оилаҳои осебпазир дар тамоми Ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд;

- таҳкими заминаи моддӣ, тақвиятбахшии захираҳои инсонӣ ва зиёд намудани маблағгузории соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои бартараф намудани осебпазирии иқтисодӣ ва иҷтимоии оилаҳои серфарзанд, одамони дорои маъюбият, пиронсолон ва гурӯҳҳои дигари аҳолӣ, ки бештар мубталои камбизоатӣ мебошанд;

- таъмини дастрасии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ ва умуман таҳсилоти томактабӣ, инчунин рушду такомули барвақтии кӯдакон, баланд бардоштани шуғлнокии занон ва таъмини хизматрасонии иҷтимоии онҳо;

- таҳияи Консепсияи ислоҳоти низоми таъминоти нафақа барои марҳила ба марҳила гузаштан ба низоми пасандозии таъминоти нафақавӣ ва пай дар пай баланд бардоштани андозаи нафақа;

- ташаккули консепсия ва афзоиши ҳамзамони шумораи шуғли пурмаҳсул ва маҳсулнокии меҳнат, танзими равандҳои стратегии муҳоҷирати шаҳрвандон ба хориҷи кишвар ва таъмини ҳифзи иҷтимоии самарабахш;

- таъмини дастрасии васеъ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, даромад ва амнияти озуқаворӣ барои тамоми шахсон ва оилаҳои муҳтоҷ дар давоми марҳилаҳои гуногуни зиндагӣ;

- тақвият додани механизмҳои унвонии низоми расонидани кумакҳои иҷтимоӣ, рушди истеҳсоли маҳсулоти протезию ортопедии ватанӣ ва таъминоти маъюбон бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ;

- гузаронидани таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа бо мақсади такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ буда, механизми мукаммалгардонии онҳо мебошанд. Дар баробари ин, тадриҷан ба низоми мавҷудаи хизматрасонии иҷтимоӣ ворид намудани унсурҳои нави замонавӣ ва инноватсионӣ, пешгирӣ намудани тамоюли афзоиши маъюбшавии аҳолӣ, аз ҷумла бемориҳои рӯҳӣ ва тақвият бахшидани фаъолияти шабакаи муассисаҳои табобатию пешгирикунанда ва комиссияҳои экспертизаи тиббию иҷтимоии мақомоти ваколатдори давлатӣ, рушди намудҳои гуногуни хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ, кордармонӣ ва монанди инҳо дар муассисаҳои давлатии будубоши доимӣ ва марказҳои тавонбахшии маъюбон;

- андешидани тадбирҳои самарабахш барои ҳифзи иҷтимоии кӯдакони осебпазир ва таъмини шароити арзандаи оиладорӣ, ҳифз ва тавсеаи арзишҳои оила ҳамчун қисми ҷудонашавандаи низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

- муайян намудани меъёри кормандони мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вобаста ба шумораи аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ.

## 5. САМТҲОИ АСОСӢ, МЕХНИЗМИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯ ВА НАТИҶАҲОИ ЧАШМДОШТ

48. Самтҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои Стратегия вобаста ба се давраи зиндагӣ (ҳомиладорӣ, кӯдакию наврасӣ, синну соли қобили меҳнат ва давраи пиронсолӣ) тибқи арзёбии хавфҳо (сиёсӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ) муайян мегарданд.

49. Самтҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои Стратегия вобаста ба давраҳои ҳомиладорӣ ва кӯдакию наврасӣ аз инҳо иборатанд:

- пай дар пай васеъ намудан, фарогирӣ ба хизматрасониҳои дахлдори тиббӣ ва дастрасии кумакҳои иҷтимоӣ барои занони ҳомила, ки дар шароити душвори зиндагӣ қарор доранд;

- мутобиқи тадбирҳои давлатӣ дар соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии одамони дорои имконияташон маҳдуд дар Тоҷикистон таъмин намудани дастрасии кӯдакони маъюб ва оилаҳои онҳо ба барномаҳои тавонбахшӣ, хизматрасониҳои иҷтимоиву тиббӣ вобаста ба ниёз ва манфиатҳои беҳтарини кӯдакони маъюб, пай дар пай васеъ намудани дастрасии хизматрасонии паллиативӣ ба кӯдакони бемор дар ҷумҳурӣ;

- тадриҷан васеъ намудани хизматрасониҳо барои таъмини муҳити мусоиди оилавӣ барои кӯдакони ятим ва бепарастор, аз ҷумла хизматрасониҳо дар шакли оилаҳои фостерӣ, оилаҳои парасторӣ ва моделҳои дигар, ки ба манфиатҳои беҳтарини кӯдак муносибанд;

- баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо дар муассисаҳои статсионарӣ (будубоши дарозмуддат) барои кӯдакони синну соли томактабӣ ва рушди муассисаҳои мазкур бо дарназардошти манфиатҳои беҳтарини кӯдак;

- тавсеаи низоми хизматрасонии иҷтимоӣ барои кӯдакон;

- давра ба давра зиёд намудани андозаи кумакпулиҳои иҷтимоӣ барои занон, аз ҷумла кумакпулӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, инчунин кумакпулии ҳармоҳа барои нигоҳубини кӯдак;

- тақвият додани фаъолияти машваратҳои равониву тиббӣ ва педагогӣ ва васеъ намудани дастрасии аҳолии ниёзманд, хусусан кӯдакон дар тамоми ҷумҳурӣ ба чунин хизматрасониҳо;

- тавассути барномаҳои махсус ва дар ҳамоҳангӣ бо барномаҳои дигари давлатӣ мунтазам васеъ намудани дастрасии ғизои солим барои занони ҳомила ва модарони ширмакон ва оилаҳои камбизоат, ки кӯдакони синни томактабӣ доранд;

- тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии кӯдаконе, ки яке аз волидони худро гум кардаанд, аз ҷумла кӯдакони муҳоҷирони меҳнатие, ки муддати дароз ба оилаҳои худ кумак намерасонанд, бо дарназардошти фаро гирифтани онҳо бо барномаҳои дастгирии иҷтимоӣ (кумакпулӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, омӯзиши касбӣ ва намудҳои дигари дастгирӣ);

- васеъ намудани доираи истифодабарандагони хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар хона, аз ҷумла хизматрасониҳои машваратӣ, ҳуқуқӣ ва роҳнамоии иҷтимоӣ, ташхиси бармаҳал ва хизматрасониҳои дигар, ки пай дар пай барои тамоми аҳолӣ дастрас мегарданд;

- такмилу таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ оид ба пешбинӣ намудани шаклҳои ихтиёрии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, аз ҷумла занони худиштиғол ва заноне, ки ба шуғли ғайрирасмӣ машғул мебошанд;

- баланд бардоштани сатҳи иттилоотонии аҳолӣ оид ба таъсири мусбати муҳити солими оилавӣ ба рушду такомули кӯдак ва имкониятҳои мавҷудбудаи ҳифзи иҷтимоӣ барои пешгирии бе зарурат ҷой додани кӯдакон, махсусан то синни 4-сола дар муассисаҳои будубоши доимӣ;

- такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои таъмин намудани андозаи муносиби кумакҳои унвонии иҷтимоӣ;

- таҳия ва тасдиқи меъёрҳо (стандартҳо)-и хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва фарогирии гурӯҳҳои осебпазир (занони танҳои дорои кӯдакони хурдсол, занони ҳомила ва ширмакон, кӯдакони бепарастори хурдсол), стандартҳо оид ба мудохилаи барвақтӣ, хизматрасонии фостерӣ, нигоҳубини кӯдакони дорои маъюбияти ақлонӣ дар муассиссаҳои будубоши доимӣ, тавонбахшӣ дар сатҳи маҳал ва ғайраҳо;

- гузаронидани таҳқиқоти даврӣ барои муайян намудани теъдоди кӯдакони осебпазир ва омӯзиши сабабҳои осебпазирии онҳо, аз ҷумла маъюбшавӣ дар байни кӯдакон;

- баланд бардоштани сатҳи огоҳонии аҳолӣ дар робита ба таъсири манфии дур мондани кӯдакон аз оила ва мактаб ва таъсири мусбати фазои солими оилавӣ ба рушду камоли кӯдакон;

- васеъ намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (аз ҷумла тиббӣ, кори иҷтимоӣ, равонӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

- таҳия ва амалӣ сохтани барномаҳои алоҳида бо мақсади ба шуғли пурмаҳсул ҷалб намудани волидайн, оилаҳои осебпазир, аз ҷумла занҳои танҳо, ки фарзандони мактабхон доранд ва занони танҳое, ки кӯдаконашон дар мактаб-интернатҳо ҷойгир карда шудаанд;

- таҳия ва мавриди амал қарор додани барномаҳои махсус барои омӯзиши касбии наврасони дорои маъюбият ва васеъ намудани имкониятҳои шуғли расмии онҳо;

- таҳия ва мавриди амал қарор додани барномаҳои махсус, инчунин бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани хатмкунандагони мактабинтернатҳо, ки ба ҳамгироии иҷтимоӣ ва худтаъминкунии онҳо мусоидат менамоянд;

- ҷалб намудани шарикони иҷтимоӣ ва иштироки шарикони рушд (намояндагиҳои созмонҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон) дар ҷараёни банақшагирӣ ва амалӣ намудани барномаҳои иҷтимоӣ дар сатҳи маҳал;

- муайян намудани сатҳи тахассусии кормандони соҳа, махсусан кормандони иҷтимоӣ ва бахшҳои ҳуқуқи кӯдак дар шаҳрҳо (ноҳияҳо), кормандони мактаб-интернатҳо ва муассисаҳои будубоши доимӣ ва таъсиси заминаи институтсионалӣ барои тайёр кардани мутахассисони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ;

- омода намудани махзани ягонаи маълумоти соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.

50. Самтҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои Стратегия вобаста ба давраи синну соли қобили меҳнат аз инҳо иборат мебошанд:

- омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи давлатҳои пешрафта ҷиҳати ба роҳ мондани механизми суғуртаи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ;

- таъмини кафолатҳои иҷтимоии меҳнатӣ барои занони қобили меҳнат, аз ҷумла барои занон ва ҷавондухтароне, ки ба қурбонии зӯроварӣ ё савдои одамон шудаанд, занони партофташудаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва наврасоне, ки ба муносибатҳои гуногуни меҳнатӣ ҷалб гаштаанд;

- ташаккули консепсияи сиёсати шуғли пурмаҳсул бо дарназардошти афзалиятҳои стратегии кишвар тавассути мусоидат ба ташкил намудани ҷойҳои кории пурмаҳсул, баланд бардоштани боздеҳи маълумоти касбӣ, зиёд намудани ҳиссаи шуғли расмӣ дар иқтисодиёт ва диверсификатсияи муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ;

- васеъ намудани фарогирӣ ва намудҳои қарздиҳии хурди имтиёзнок, мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар сатҳи маҳал барои оилаҳои камбизоат ва пешгирии осебпазирии онҳо;

- амалӣ намудани барномаҳои махсус барои ҳамгироии иҷтимоӣ, касбомӯзӣ ва бо кор таъмин намудани хатмкунандагони мактабинтернатҳо, ки имконияти давом додани таҳсилоти худро дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ надоранд;

- сафарбар намудани шарикони иҷтимоӣ барои пешниҳоди эътироф ва тасдиқи конвенсияҳои байналмилалӣ, аз ҷумла конвенсия ва тавсияҳои дахлдори Созмони Байналмилалии Меҳнат;

- ташкили низоми хизматрасониҳои фаъол барои бекорон (муваққатан бекор, корҷӯяндагон), аз ҷумла роҳнамоии касбӣ, омодагии касбӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос, роҳандозӣ барои худиштиғолӣ ва намудҳои дигари хизматрасонӣ бо таваҷҷуҳи махсус ба муҳоҷирони меҳнатие, ки ба кори пештараи худ дар хориҷи кишвар баргашта наметавонанд.

51. Самтҳои асосӣ ва нишондиҳандаҳои Стратегия вобаста ба давраи пиронсолӣ аз инҳо иборатанд:

- таҳияи барномаи давлатӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии пиронсолон ва ташаккули ҳаракати волонтёрӣ баҳри бо ғамхории доимӣ фаро гирифтани пиронсолон;

- таъмини дастрасии ёрии паллиативӣ барои пиронсолони дорои бемориҳои табобатнашаванда ва музмин;

- васеъ намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар хона барои пиронсолон ва такмили сифати онҳо;

- ҷорӣ гардонидани амалияи хизматрасониҳои инфиродӣ ва васеъ намудани хизматрасониҳои кормандони иҷтимоӣ ба одамоне, ки мустақилона ҳаракат карда наметавонанд;

- тақвияти иқтидор ва малакаҳои кории кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ барои кор бо одамони пиронсол;

- тақвият додани заминаи моддӣ-техникии муасиссаҳои хадамоти хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолон.

52. Арзёбии хавфҳои эҳтимолӣ нишон медиҳад, ки дар марҳилаи кунунӣ асосан як чанд омилҳое ҳастанд, ки ба амалисозии нақшаҳои стратегӣ метавонанд халал расонанд ва баҳри бартараф намудани онҳо бояд тадбирҳои пешгирикунанда андешида, эҳтимолияти таъсиррасонии онҳо ҳаллу фасл карда шавад. Чунончи, бухронҳои ҷаҳонии сиёсӣ ва иқтисодӣ, паҳн гардидани бемории COVID-19 ва пайомадҳои он, ба монанди маъюбшавии аҳолӣ ва бемориҳои музмин, рух додани ҳолатҳои фавқулода ва монанди инҳо.

## §1. Маъюбӣ ва бемориҳои музмин

53. Пешгирӣ намудани маъюбшавӣ, муайян намудани сабабҳо ва омилҳои он, гузаронидани муоина ва экспертизаи тиббию иҷтимоӣ барои муайян кардани маъюбӣ, ташаккули модули муносиби маъюбият ва истифодабарии меъёрҳои байналмилалӣ дар раванди маъюбият ва тавонбахшии маъюбон бояд вазифаи аввалиндараҷаи мақоми ваколатдори давлатӣ қарор гирад.

54. Тибқи Тартиби экспертизаи тиббию иҷтимоӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2022, №177 тасдиқ шудааст, маъюбияти калонсолон ба се гурӯҳ (I, II ва III) дараҷабандӣ гардида, ба кӯдакони дорои маъюбият категорияи "кӯдаки маъюб" муқаррар карда мешавад. Ҳамзамон, ба дараҷаи гум кардани қобилияти меҳнатии инсон баҳо дода шуда, барқарорсозии қобилияти меҳнатӣ, таъминоти эҳтиёҷоти маъюбон дар барномаҳои тавонбахшии инфиродии шахсони маъюб муайян карда мешаванд. Зинаи аввалияи муайян намудани маъюбӣ дар сатҳи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, машваратгоҳҳои равонӣ, тиббӣ ва педагогӣ анҷом дода мешавад.

55. Мувофиқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 тақрибан 3500 нафар маъюб дар муассисаҳои статсионарӣ зиндагӣ намуда, ба ҳазорҳо нафари дигар ҳамасола дар хадамоти иҷтимоии ҷумҳурӣ хизматҳои гуногуни иҷтимоӣ расонида мешаванд. Муассисаҳои хадамоти иҷтимоӣ, ки фаъолияти онҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад, кумакҳои гуногунро дар хона ва дар муассисаҳои иҷтимоӣ барои пиронсолон, маъюбон ва шаҳрвандони дигаре, ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор доранд, пешниҳод менамоянд.

56. Тадбирҳои дахлдор оид ба тавонбахшии тиббӣ ва иҷтимоии маъюбон дар асоси қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2020, №116 "Дар бораи Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон" ва аз 27 феврали соли 2021, №52 "Дар бораи Барномаи давлатии "Муҳити дастрас" барои солҳои 2021-2025" амалӣ гардида, дар назар аст, ки Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои давраи то соли 2030 таҳия гардад.

## §2. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулода ва бухронӣ

57. Аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, ки метавонанд ба вазъи иҷтимоию иқтисодии одамон таъсири манфӣ расонанд, хеле осебпазиранд. Имконияти мақомоти давлатӣ барои бартараф намудани таъсири чунин ҳолатҳо нисбатан маҳдуд буда, қобилияти хонаводаҳо ҷиҳати барқарорсозии оқибатҳои ҳодисаҳои номатлуби табиӣ низ заиф мебошад. Тоҷикистон яке аз кишварҳоест, ки аз офатҳои табиӣ ва намудҳои дигари офатҳо нисбатан зарардида мебошад.

58. Бо мақсади паст кардани хавфи офатҳои табиӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №602 Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030 қабул гардидааст, ки амалисозии он ҳамчунин барои тақвият бахшидани соҳаҳои иҷтимоии кишвар мусоидат хоҳад кард. Дар баробари ин, набудани механизми ягонаи давлатӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии аҳолии осебпазир дар вазъиятҳои фавқулода, инчунин маҳдудияти барномаҳои мақсадноки ҳифзи иҷтимоӣ дар ин самт осебпазирии шахсони алоҳида, хусусан занон, кӯдакон, пиронсолони танҳо, шахсони маъюб, хонаводаҳои камбизоат ва минтақаҳои алоҳидаро ҳангоми бухронҳои иқтисодӣ ва ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ хеле зиёд мекунад.

59. Дар Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030 ҳадафҳо ва вазифаҳои стратегӣ муайян гардида, чор вазифаи асосӣ мушаххасан баён шудаанд. Дар иртибот ба ин барои мукаммал намудани низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ ва вазъиятҳои бухронӣ бояд тадбирҳои зерин роҳандозӣ гарданд:

- пешниҳоди хизматрасониҳои махсусгардонидашудаи иҷтимоӣ, аз ҷумла тиббӣ, руҳиву равонӣ, манзилҳои муваққатии дастрас ва ғайра барои оилаҳо ва шахсоне, ки ҳангоми ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ зарар дидаанд;

- омӯзонидан ва омода сохтани гурӯҳи мутахассисон барои баҳодиҳӣ ва расонидани кумакҳои тиббию иҷтимоӣ ва равонӣ барои ҷабрдидагон аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, махсусан кӯдакон;

- омода сохтани воситаҳои огоҳисозии аҳолӣ оид ба эътиногирӣ ба ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ;

- такмили ҳамкориҳои байнисоҳавӣ барои самаранокии кумакҳо барои ҷабрдидагон ва таъсиси махзани ягонаи маълумот дар ин самт;

- ташаккул ва тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ ва ҷалби сармояи шарикони рушд ва созмонҳои дигари байналмилалӣ. Вобаста ба ин ба имзо расонидани Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар самти расонидани кумакҳои иҷтимоӣ ба аҳолии осебпазир дар холатҳои фавқулода мувофиқи мақсад мебошад.

## §3. Масъалаҳои гендерӣ дар доираи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

60. Дар баробари дастовардҳои назаррас дар таъмин ва пешбарии ҳуқуқи занон ва духтарон дар Тоҷикистон, то ҳол дар ин самт баъзе норасоиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ҳаллу фасли онҳо барои беҳтар намудани вазъи иҷтимоии занон ва духтарон зарур мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлолият ба масъалаи

баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, фарогирии духтарон ба таҳсил, пешгирии зӯроварӣ ва хушунат нисбати занон, таъмини имкониятҳои баробар дар идоракунӣ, таъмини ҳуқуқҳои баробари иқтисодӣ ва ҷанбаъҳои дигари муҳимми ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ чораҳои назаррас ва барномаҳои мушаххасро амалӣ намуда истодааст.

61. Таҳқиқотҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки дар баъзе самтҳо, махсусан, дар самти пешгирии осебпазирии иҷтимоиву иқтисодӣ ташвишҳои зиёде боқӣ мондаанд, аз ҷумла масъалаи зӯроварӣ ва хушунат нисбати занон ва духтарон то ҳол ҷой дорад. Мувофиқи маълумоти пурсиши тиббию демографии соли 2017, қариб аз 2/3 ҳиссаи одамон, аз ҷумла худи занон боварӣ доранд, ки дар ҳолатҳои муайян нисбати зан (ҳамсар) ҷазои ҷисмонӣ ҷоиз аст. Ҳамзамон, солҳои охир падидаи нав - партофтани оилаҳои худ аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ дида мешавад. Хусусан, дар деҳоти Тоҷикистон занҳои дорои фарзандони ноболиғ, бе ҷойи кори расмӣ ва манбаи даромади муайян дар ҳолати вобастагӣ ва дастнигаронӣ аз хешу ақрабои худ ва ё шавҳарашон қарор гирифта, ба ҳар гуна мушкилот осебпазир мегарданд.

62. Солҳои охир тамоюли зиёдшавии муҳоҷирати меҳнатии занон низ ба назар мерасад. Бо дарназардошти он, ки теъдоди зиёди муҳоҷирон дар корҳои вазнин ва ғайрирасмӣ фаъолият мекунанд, ин ҳолат ба занон таъсири боз ҳам вазнинтар дорад.

63. Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2021 шумораи хоҷагиҳои деҳқонии сарварашон занон 23,5 фоизи шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқониро ташкил дод. Ҳамзамон, бештари кормандони соҳаи кишоварзӣ занон мебошанд ва дар ҳолатҳои буҳрони иқтисодӣ бештар осебпазиранд.

64. Ҳифзи иҷтимоии занон дар самти таъмини баробарҳуқуқии занон тадбирҳои зеринро бояд дар бар гирад:

- тақвияти усул ва чораҳои муайян намудани осебпазириҳо, ки ба хусусиятҳои гендерӣ такя менамояд;

- муайян намудани омилҳои институтсионалӣ, ки ба осебпазирии духтарон ва занон сабабгор мешаванд ва дар ин асос ворид намудани чораҳои мувофиқ дар барномаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ;

- баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ бо дарназардошти хусусиятҳои гендерии истифодабарандагони барномаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ;

- баланд бардоштани дониш ва малакаҳо, инчунин мавриди татбиқ қарор додани усул ва воситаҳо барои ворид сохтани тарҳрезӣ, банақшагирии молиявӣ ва мониторинги барномаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, ки ба ҳалли масоили гендерӣ нигаронида шудаанд;

- вусъат додани ҳамкориҳо дар доираи шарикии иҷтимоӣ ва ҷалби созмонҳои байналмилалӣ дар қисмати амалӣ намудани барномаҳои давлатие, ки ба масоили гендерии марбут ба ҳифзи иҷтимоии занон ва духтарон равона карда шудаанд.

## §4. Идоракунӣ ва ҳамкорӣ

65. Ҷиҳати амалисозии Стратегия пешбинӣ намудани ислоҳоти сиёсати идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоӣ зарур буда, зимнан ба инобат гирифтани чорабиниҳои зерин муҳим мебошанд:

- ташаккул ва вусъат додани хизматрасонии иҷтимоӣ тавассути низоми "Равзанаи ягона" ва механизми бозравонии эҳтиёҷмандон, инчунин, пай дар пай интишор додани низоми мазкур дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;

- баррасӣ ва пешбинӣ намудани тадбирҳо оид ба дахолати барвақтӣ ва пешгирикунанда дар сатҳи маҳал, аз ҷумла тақвият бахшидани иқтидори ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва васеъ кардани хизматрасониҳо оид ба ошкорсозии бармаҳали нуқсонҳои модарзодӣ ва бемориҳое, ки метавонанд ба маъюбӣ ва ё бемориҳои музмин оварда расонанд;

- дастрасии хизматрасониҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат тавассути сохторҳои маҳаллии тандурустӣ ва маориф, аз ҷумла муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва марказҳои саломатӣ;

- тадриҷан васеъ намудани нақши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар ташаккул ва амалӣ гардонидани низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

- ҷорӣ намудани низоми яксинагии идоракунӣ ва амалисозии сиёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, инчунин тақвият додани иқтидори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар таъмини хизматрасониҳои иҷтимоӣ.

66. Амалишавии Стратегия тавассути Нақшаи амал таъмин мегардад. Нақшаи амал барои ҳар се сол аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад.

67. Бо иҷрои самараноки Стратегия натиҷаҳои ниҳоии зерин дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба даст оварда мешавад:

- таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа бо мақсади такмили санадҳои амалкунанда ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии нави соҳавӣ, ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ анҷом дода шуда, пойгоҳи мукаммали қонунгузории ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ роҳандозӣ мегардад;

- ба низоми мавҷудаи хизматрасонии иҷтимоӣ тадриҷан унсурҳои нави замонавӣ ва инноватсионӣ ворид гардида, тамоюли афзоиши маъюбшавии аҳолӣ, аз ҷумла бемориҳои рӯҳӣ пешгирӣ гардида, фаъолияти шабакаи муассисаҳои табобатию пешгирикунанда ва комиссияҳои экспертизаи тиббию иҷтимоии мақомоти ваколатдори давлатӣ тақвият бахшида мешаванд;

- намудҳои гуногуни хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ, кордармонӣ ва монанди инҳо дар муассисаҳои давлатии будубоши доимӣ ва марказҳои тавонбахшии маъюбон рушд карда мешаванд;

- воситаҳо ва механизмҳои мониторинги камбизоатӣ, муайян намудани камбизоатӣ ва ниёзмандӣ, аз ҷумла дар сатҳи маҳаллӣ такмил ёфта, мавриди истифода қарор дода мешаванд;

- махзани ягонаи умумҷумҳуриявии маълумоти электронии баҳрабарандагони кумакпулиҳо ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ ташкил карда мешавад;

- низоми нафақа бо истифода аз механизмҳои андӯхт ташаккул ёфта, самаранок фаъолият менамояд;

- Маркази иттилоотӣ ва таҳлилии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таъсис дода шуда, "Равзанаи ягона"-и низоми бақайдгирӣ ва хизматрасониҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ташкил карда мешавад;

- андозаи нафақа ва кумакпулиҳо бо таъмини суботи фискалӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ афзоиш дода шуда, таносуби нафақа/маош ба сатҳи минималӣ дар стандартҳои ҷаҳонӣ муқarраршуда расонида мешавад;

- муҳити бемонеа барои таъмини фарогирӣ ва иштироки фаъоли гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла шахсони маъюбиятдошта дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа фароҳам оварда мешавад;

- низоми устувори тайёр намудани кормандони низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бунёд гардида, меъёри кормандони мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вобаста ба шумораи аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тасдиқ ва роҳандозӣ карда мешавад;

- раванди ислоҳоти навбатии низоми идоракунӣ ва рушди бо майлони соҳаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар давраи муайянгардида анҷом ёфта, механизми воҳиди идоракунии ва тартиби кор, ки барои ҳифз ва пешбурди ҳуқуқ ва манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии шахсони алоҳида ва оилаҳои осебпазир дар тамоми ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд, такмил дода мешавад;

- Барномаи давлатӣ оид ба масъалаҳои пиршавӣ ва дастгирии иҷтимоии пиронсолон барои давраи солҳои 2023-2027 тасдиқ карда мешавад;

- таъмини дастрасии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ ва умуман таҳсилоти томактабӣ, инчунин рушду такомули барвақтии кӯдакон, шуғлнокии занон баланд бардошта шуда, сифати хизматрасонии иҷтимоии онҳо таъмин карда мешавад;

- Консепсияи ислоҳоти низоми таъминоти нафақа барои марҳила ба марҳила гузаштан ба низоми пасандозии таъминоти нафақавӣ ва пай дар пай баланд бардоштани андозаи нафақа таҳия мегардад;

- Консепсияи шуғли пурмаҳсул роҳандозӣ гардида, афзоиши ҳамзамони маҳсулнокии меҳнат, танзими равандҳои стратегии муҳоҷирати шаҳрвандон ба хориҷи кишвар ва ҳифзи иҷтимоии самарабахши аҳолии қобили меҳнат таъмин карда мешавад;

- дастрасии васеъ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, даромад ва амнияти озуқаворӣ барои тамоми шахсон ва оилаҳои муҳтоҷ дар давоми марҳилаҳои гуногуни зиндагӣ таъмин карда мешаванд;

- тадбирҳои самарабахш баҳри ҳифзи иҷтимоии кӯдакони осебпазир андешида шуда, шароити арзандаи оиладорӣ, ҳифз ва тавсеаи арзишҳои оила ҳамчун қисми ҷудонашавандаи низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муҳайё мегардад.

## 6. ҲИСОБҲОИ МОЛИЯВӢ ВА МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯ

68. Сатҳи рушду инкишофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар ба имкониятҳои молиявии амалисозии нақшаҳои стратегӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ тасири бевосита мерасонад. Ҳар қадар, ки сатҳи тараққиёти кишвар баланд бошад, ҳамон қадар вазъият дар соҳаҳои иҷтимоии кишвар, хусусан дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ босубот ва мӯътадил хоҳад буд.

69. Зимни баёни афзалиятҳо ва самтҳои асосии фаъолият дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таҳлили вазъи маблағгузории соҳа ва сарчашмаҳои маблағгузории татбиқи чорабиниҳои марбут ба афзалиятҳо ва самтҳои асосии фаъолият дарҷ карда шудаанд. Чунончи, қайд гардидааст, ки тӯли солҳои амалишавии Барномаи қаблии марбут ба солҳои 2016-2020 дар самти ташкили низоми муосири ҳифзи иҷтимоӣ, васеъ намудани

фарогирӣ, таҳкими кумаки иҷтимоии унвонӣ ва такмили усулҳои баҳодиҳии ниёзмандӣ корҳои зиёде ба анҷом расида, хароҷоти буҷет оид ба маблағгузории соҳа 33,3 фоиз афзоиш ёфтааст.

70. Дар соли 2022 ба ин мақсад қариб 13,5 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардид, ки зиёда аз 40,2 фоизи хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад. Аз рӯйи маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хароҷот барои таъминоти иҷтимоӣ дар Тоҷикистон бештар аз 4,1 млрд сомониро ташкил дода, ба низоми суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа қариб 80 фоизи хароҷот рост меояд. Чунончи, ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби андози иҷтимоӣ 3 млрд 431 млн сомонӣ ворид гардид, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 550,6 млн сомонӣ ё 19,1 фоиз зиёд мебошад, ки он пурра ба маблағи 3378,1 млн сомонии дар соли 2021 банақшагирифташуда пардохт гардидааст.

71. Дар давраи солҳои 2018-2022 ва тибқи дурнамои соли 2023 ҳаҷми маблағгузориҳои буҷетӣ ба низоми ҳифзи иҷтимоӣ зиёда аз 2,5 маротиба афзоиш ёфтаст. Манбаъҳои буҷети давлатӣ, ки ба тадбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ равона гардидаанд, асосан тавассути Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои нигоҳдории дастгоҳи марказии вазорат, ташкилоту муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии тобеи вазорат, инчунин сохторҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, пардохтҳои баъзе намудҳои кумакпулиҳои иҷтимоии давлатӣ, такмили ихтисоси кормандон ва пешбурди корҳои илмию тадқиқотӣ, экспертизаи тиббию иҷтимоӣ, инчунин истеҳсоли маҳсулоти протезию ортопедӣ ва хариди воситаҳои техникии тавонбахшӣ барои маъюбон ворид мегарданд.

72. Ба моддаҳои хароҷотии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нигоҳдории мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона, марказҳои ҳудудии хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолон ва маъюбон, хароҷот барои баъзе имтиёзҳо ва кафолатҳои иҷтимоии давлатии ветеранҳои ҷангу меҳнат, маъюбон ва категорияҳои дигари имтиёздор (ҳаққи хизматрасонии алоқа, рафту омади ройгон дар нақлиёти автомобилии истифодаи ҷамъиятӣ, ҳаққи хизматрасониҳои коммуналӣ, телефон, расонидани кумаки яквақтаинаи моддӣ) мансуб мебошанд, ки тавассути буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ карда мешаванд. Ҳамзамон, афзалиятҳои барномавии ҳифзи иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ, хусусан нисбат ба тадбирҳо доир ба иҷрои барномаҳои марбут ба рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо низ дастгирӣ карда мешаванд.

73. Ғайр аз ин, қисми хароҷот барои чорабиниҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ба истисноси таъминоти нафақавӣ ва пардохтҳои марбут ба суғуртаи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ, ба монанди пардохти ҷубронпулӣ ва кумакпулиҳо ба маъюбони садамаи Неругоҳи барқи атомии Чернобил ва кӯдакони гирифтори бемории ВНМО, кумакпулии якдафъаина ба зарардидагони офатҳои табиӣ ва монанди инҳо бевосита аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад. Ҳамзамон, дар доираи таъмини ухдадориҳои иҷтимоии давлат тибқи ҳиссаҷудокунии буҷетӣ ба Фонди суғуртаи иҷтимоӣ ё худ маблағгузории пардохтҳои нафақаҳои иҷтимоии шаҳрвандоне, ки ба суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ фаро гирифта нашудаанд (ё худ собиқаи суғуртавӣ (меҳнатӣ) надоранд), маблағҳои дахлдор ҷудо карда мешаванд.

74. Стратегия бо маблағгузории 333321570 сомонӣ аз буҷети давлатӣ ва 633310983 сомонӣ аз ҳисоби шарикони рушд таъмин мегардад.

75. Манбаъҳои дар боло номбаргардида аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва молиявӣ муайянкунандаи сарчашмаҳои асосӣ ва муҳим барои амалисозии Стратегия ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, амалисозии Стратегия тибқи мақсад ва вазифаҳои рушди низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вобаста ба вазъи молиявию иқтисодии кишвар дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, аз ҷумла ҷалби сармояи хориҷӣ, грантҳо, фондҳои башардӯстона ва донории созмонҳои байналмилалӣ анҷом дода мешавад.

## 7. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ СТРАТЕГИЯ

76. Мониторинг ва арзёбии Стратегия аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ гузаронида мешавад.

77. Мониторинг ва арзёбии Стратегия тибқи қонунгузорӣ гузаронида шуда, дар раванди он вазорату идораҳои дахлдор ва шарикони рушд ҷалб карда мешавад.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

78. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо мақсади ҷалби маблағгузорӣ ҷиҳати амалисозии Стратегия бо шарикони рушд ҳамкорӣ менамояд.

79. Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои амалисозии самараноки Стратегия тадбирҳои дахлдор андешида, ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мусоидат менамоянд.

80. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор аз натиҷаи иҷрои Стратегияи мазкур ҳар сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод менамояд.